آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

7 августи соли 2024 Чоршанбе № 63 (15074)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## НАТИҶАҲО ВА НАҚШАҲО ДАР СОҲАИ РОҲИ ОҲАН БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 6 август бо муаррифии корҳои баргузоршуда ва нақшаҳои пешомади соҳаи роҳи оҳан шинос гардид.***

10 октябри соли гузашта қарори Президент дар бораи трансформатсияи Ҷамъияти саҳҳомии «Ӯзбекистон темир йўллари» қабул шуда буд. Барои кумакрасонӣ ба ин ҷараён ширкати байналхалқии консалтингӣ ҷалб карда шуд.

Дар ҳайати ҷамъият 6 корхонаи мустақил, ки бо инфрасохтор, хидмати вагонҳо, мусофиркашонӣ ва самтҳои дигар машғул мебошанд, ба кор шурӯъ карданд. Вазифаҳои ғайрисамарабахш ва такрорӣ муттаҳид карда, хидматҳои зиёдатӣ коҳиш дода шуданд. Хиёбони таркиби муҳаррик бо 1040 вагони боркашон ва 45 вагони мусофирбар пурра карда шуд.

Муҳлати боркашонӣ оид ба самтҳои дохилӣ 2 баробар кам карда шуд. Аз ҳисоби бунёди ду хатти иловагии электриконидашуда дар истгоҳи «Келес» имконияти ҳаракати поездҳои атрофи Тошканд 30 фоиз афзуд.

Дар натиҷаи ислоҳоти мазкур «Ӯзбекистон темир йўллари», ки солҳои дароз зарар меовард, ба фоидагирӣ оғоз намуд.

Дар муаррифӣ ҳамчунин вазифаҳои пешистода, масъалаҳои рӯзмаррае, ки ҳаллу фасли худро тақозо доранд, муҳокима гардиданд.

Солҳои охир аз истеъмолгарон бинобар ҳолати вагонҳои мусофиркашон, мушкилот дар низоми сардкунӣ эътирози зиёд мерасанд. 143 адад вагон ба таъмир ниёз доранд, 59 локомотив муҳлати хидмати худро адо кардаанд.

Бинобар ҳамин ҳам барои истеҳсоли вагонҳои нав аз Бунёди рушди саноат 50 миллион доллар ҷудо карда мешавад. Бобати расонда додани 38 адад локомотив ва бозсозии 12 электровоз ба маблағи 181 миллион доллар муоҳида ба имзо расид.

Шахсони масъул дар бораи нақшаҳо бинобар навсозии хиёбони поездҳо аз ҳисоби маблағи мазкур маълумот доданд.

Соли гузашта дар вохўрӣ бо интихобкунандагони Қароқалпоқистон Шавкат Мирзиёев изҳор дошт, ки ҳаракати қатораи баландсуръат аз Тошканд ба Нукус ба роҳ гузошта мешавад.

Барои ин хариди 6 электропоезди замонавии ширкати Hyundai Rotem аз Куриёи Ҷанубӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳоли ҳозир электриконии роҳи оҳани «Бухоро – Урганҷ – Хива», ки дарозиаш 465 километрро ташкил медиҳад, татбиқ мегардад, ният доранд, ки сохтмони онро то охири сол анҷом диҳанд. Солҳои наздик хатти 196 километраи «Мискин – Нукус» электриконида хоҳад шуд. Дар натиҷа вақти роҳ аз 16 то 7 соат кўтоҳтар мегардад.

Дар ҷараёни муаррифӣ ҳамчунин бобати масъалаҳои хусусигардонии иншооти ғайрисоҳавии ҷамъияти саҳҳомӣ, баланд бардоштани сифат ва зиёд кардани содироти хидматрасонии соҳа супоришҳо дода шуданд.

**ЎзА.**

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БО САФАРИ ДАВЛАТӢ АЗ ҚАЗОҚИСТОН БОЗДИД БА АМАЛ МЕОВАРАД

Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 7-9 август бо сафари давлатӣ ба ин кишвар меравад.

Мувофиқи барномаи пешбинишуда гуфтушуниди сарони давлатҳо ва ҷамъомади аввалини Шўрои олии байнидавлатӣ таҳти сарварии Президентҳо баргузор мешаванд. Масъалаҳои минбаъд амиқсозии муносибатҳои шарикии стратегӣ ва иттифоқии ўзбекистониву қазоқистонӣ, ҷиҳатҳои рўзмарраи рўзномаи байналхалқӣ ва минтақавӣ баррасӣ мегарданд.

Вусъат додани ҳамкории амалии тарафайн дар соҳаҳои савдо, кооператсияи саноатӣ, нақлиёт ва логистика, энергетика, кишоварзӣ ва хоҷагии об, ҳамчунин самтҳои дигари афзалиятнок дар маркази эътибор қарор доранд.

Имзо шудани маҷмўи бузурги ҳуҷҷатҳо, ки ба мустаҳкамсозии муносибатҳои дуҷониба нигаронида шудаанд, пешбинӣ мегардад.

Бояд таъкид намуд, ки дар доираи ташрифи давлатӣ дар пойтахти Қазоқистон чорабиниҳои соҳибкорӣ ва маданӣ баргузор мешаванд. Кушоиши пайкараи шоир ва мутафаккири бузурги ўзбек Алишери Навоӣ ба нақша гирифта шудааст.

9 август Президенти Ўзбекистон дар Вохўрии навбатии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамоиши нахустини Мулоқоти «Осиёи Марказӣ + Ҷопон», ки дар шаҳри Остона баргузор мешавад, иштирок менамояд.

**ЎзА.**

## ТОҶИКИСТОН ТАҶРИБАИ ЎЗБЕКИСТОНРО МЕОМЎЗАД

***Ҳайати Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Бахтиёр Сафаралйзода, сардори шуъбаи экспертизаи ин кумита барои омўхтани таҷрибаи Ўзбекистон оид ба муҳити зист ташриф овард.***

Дар ҷараёни ташриф ба меҳмонон таҷрибаи ин марказ ҷиҳати истифодаи технологияҳои рақамӣ намоиш дода шуд. Ҳамчунин масъалаҳои такмили қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ворид намудани таҷрибаи байналмилалӣ ба қонунгузории миллӣ таҳти баррасӣ қарор дода шуданд.

Илова бар ин, татбиқи таҷрибаи хориҷӣ ва равишҳои навоварона ба равандҳои экологӣ омўхта шуд ва таҷрибаи Ўзбекистон оид ба афзоиши иштироки ҷомеа дар равандҳои экологӣ муаррифӣ гардид. Сафаралйзода масъалаҳои рушди системаи мониторинги муҳити зист, дастгирии туризми экологӣ ва беҳтар намудани инфрасохтори онро барои Тоҷикистон хеле ҷолиб арзёбӣ намуд.

Ҷонибҳо дар бораи табодули минбаъдаи таҷриба ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи экологӣ ба тавофуқ расиданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**“Овози тоҷик”.**

*Дар Ширин барои хидматчиёни ҳарбӣ калиди хонаҳои нав супорида шуд.*

*Пеш аз ҷашни 33-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар шаҳри Ширини вилояти Сирдарё хонаҳои хидматие, ки барои хидматчиёни ҳарбии қўшунҳои сарҳадӣ бунёд гардидааст, ба истифода супорида шуд.*

*Дар ҷашнвораи мутантане, ки ба ин муносибат рўйи кор омад, ҳокими вилоят, роҳбари сектори ҳарбиву маъмурӣ Акмалҷон Маҳмудалиев, роҳбарони секторҳои шаҳр, хидматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо иштирок карданд.*

*Ҳокими вилоят соҳиби хонаҳои навро муборакбод намуда, оиди корҳое, ки бо ташаббуси роҳбари мамлакатамон ҷиҳати дастгирии иҷтимоии аъзои оилаи ҳарбиён амалӣ мегарданд, таваққуф намуд. Ҷамъомадагон бо шароитҳое, ки дар 28 бинои чорқабата фароҳам оварда шудааст, шинос гардиданд.*



***Дар сурат:*** *лавҳа аз чорабинӣ.*

***Суратгир: Ш. ОРТИҚБОЕВ (ЎзА).***

*Муносибат аз Олмон:*

## ИБНИ СИНО – УСТОДИ ШИФОКОРОНИ ҶАҲОН, ҲАМКОРӢ БО ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ МО ҲАМ ШАРАФ, ҲАМ МАСЪУЛИЯТ

***Иштироккунандаи чорабинии бахшида ба дурнамои ҳамкорӣ ва натиҷаҳои форуми 2-юми тиббии Олмон – Ўзбекистон, ки дар сафоратхонаи мо баргузор гардид, раиси ҷамъияти тиббии Олмон – Ўзбекистон «Кох-Авитсенна», профессори Донишгоҳи тиббии Берлин ба номи Шарите — Ҳелмут Ҳан дар мусоҳиба бо Оҷонсии иттилоотии «Дунё» андешаҳои худро оид ба ҳолати имрўза ва ояндаи ҳамкориҳои байни ду давлат дар соҳаи тиббиёт баён намуд:***

— Робитаҳои дўстии халқҳои ўзбеку олмон таърихи дуру дароз дорад. Дар сарзамини шумо солҳои 980–1037 олими барҷаста Абўалӣ ибни Сино, ки дар рушди тибби ҷаҳон саҳми ногусастанӣ гузоштааст, умр ба сар бурдааст. Ў ҳамаи донишҳои давраи қадимаи ба илми тиб бахшидашударо омўхта, дар «Қонунҳои тиб» ном асараш ҷамъ овардааст. Асари мазкур ба забони қадимаи лотинӣ тарҷума шуда, ҳамчун манбаи асосиву ягонаи илмҳои тиббии Аврупо, дар давоми чандин асрҳо барои толибилмон ҳамчун дастуруламал хидмат кардааст. Инчунин, ба рушди илми тибби Аврупо саҳми беҳамтои худро гузоштааст.

Бояд таъкид намуд, ки Ибни Сино устоди ҳамаи шифокорони ҷаҳон мебошад. Аз ин сабаб, вақте ки таклифи барпо намудани ҷамъияти тиббии «Олмон–Ўзбекистон»-ро пешниҳод намуданд, ин барои мо баробари шарафи бузург будан, ҳамкорӣ бо ватани «падари тиббиёт» масъулияти бузургро низ ба зиммаи мо гузошт.

Дар муддати кўтоҳ ҷамъияти Олмон – Ўзбекистон «Кох-Авитсенна»-ро барпо намуда, ба баргузор намудани форуми 1-уми тиббии Самарқанд муваффақ гардидем. Иштироки 650 нафар ҳамкасбони ўзбекистонӣ дар форуми мазкур собит намуд, ки таваҷҷуҳи онҳо нисбат ба ҳамкорӣ бо Олмон зиёд аст. Бо ташаббуси мо вазири ҳифзи тандурустӣ ба саммити умумиҷаҳонии тандурустӣ даъват карда шуд ва ў дар баромади худ олимон, шифокорон ва намояндагони дигари соҳаи тибро бо раванди ислоҳоти васеъмиқёс, ки дар Ўзбекистон бобати ҳифзи тандурустӣ мувофиқи талаби замон амалӣ мегарданд, шинос намуд.

Ҳамчун идомаи ҳамкорӣ 18-19-уми апрели соли ҷорӣ дар Берлин мо форуми дуюми чорабиниро ташкил намудем. Фикр мекунам, ки чорабинии имрўза инчунин як қадами дигар барои ба сатҳи нав баровардани ҳамкорӣ мебошад.

Мо бесабаб форуми Самарқандро «форуми дуюм» наномидем, зеро он маънои пайдарҳамӣ, давомнокиро дорад.

Барои таҳкими ҳамкорӣ пеш аз ҳама бояд заминаи он фароҳам оварда, пас инкишоф дода шавад. Бо баргузор намудани тадбири имрўза, мо барои ҳамкории минбаъдаи доимӣ замина мегузорем. Оғози ҳама гуна ҳамкорӣ мисли натиҷаи он муҳим аст. Ҳамкории мо дар асоси мубодилаи таҷриба ва омўзиш бунёд мегардад.

**АИ «Дунё»,**

*БЕРЛИН.*

*Интихоби ман – Ватани обод*

## ИНТИХОБОТ БА ТАЪМИНСОЗИИ ҚАДРИ ИНСОН ХИДМАТ МЕКУНАНД

***Мардуми Ўзбекистон туфайли истиқлол ба манбаи ҳокимияти давлатӣ, соҳиби ягонаи он табдил ёфтанд. Алҳол барои халқи Ўзбекистон, ки иштирокдори фаъоли ҷомеаи ҷаҳон гардидааст, баҳри аз тариқи интихобот ҳамаҷониба ба амал татбиқ сохтани ҳуқуқи соҳиби ҳокимияти давлатӣ будани худ тамоми шароитҳои зарурии ҳуқуқиву ташкилӣ мавҷуданд. Зеро халқ аз тариқи интихобот ҳокимияти давлатиро ташаккул медиҳад, ояндаи ҷамъиятро мушаххас менамояд.***

Бинобар қарори ҷамъомади Комиссияи марказии интихоботии Ўзбекистон аз 26 июл Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон эълон кард, ки интихоботи Шўрои депутатҳои маҳаллӣ таҳти шиори «Интихоби ман – Ватани обод» 27 октябри соли 2024-ум гузаронида шавад. Тўли солҳои истиқлол қонунгузории интихоботӣ дар ҷумҳурӣ ба тарзи муттасил такмил ёфт, амалиёти ташкил кардани интихобот ва гузаронидани он пеш рафт, фаъолнокии ҷараёни равшанкунии интихобот дар расонаҳои ахбори оммавӣ афзуд. Баробари ин халқи мо дар интихоботи Олий Маҷлис ва шўроҳои маҳаллӣ, ҳамчунин интихоботи Президент фаъолона иштирок карданд, дорои таҷрибаи бузурги сиёсӣ ва ҳуқуқӣ гардиданд.

Дар интихоботе, ки солҳои охир дар Ўзбекистон бинобар шароити ошкоро ва рўшодбаёнӣ, мувофиқи меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқ баргузор мешаванд, фаъолнокии иҷтимоиву сиёсии халқамон, афзудани обрўву эътибор ва нуфузи ҳизбҳои сиёсӣ, идораҳои шаҳрвандӣ эҳсос мегарданд, онҳо намоиши ба худ хоси натиҷаҳои амалии дигаргуниҳои демократӣ ва ислоҳоте мебошанд, ки дар асоси ҳаётамон муттасил татбиқ мешаванд.

Халқи мо ҳуқуқҳои мустақили худро дар асоси Сарқонуни Ўзбекистон дар таҳрири нав ва ҳуҷҷати ягонаи ҳуқуқӣ, ки қонунҳои доир ба интихоботро муҷассам менамоянд, яъне дар асоси Кодекси интихобот ба ҳаёт татбиқ месозад, аз тариқи намояндагони озодона интихобшудааш дар идораи мамлакат иштирок мекунад. Ўзбекистон ба сифати давлати узви Созмони амният ва ҳамкории Аврупо «ҳуқуқи дар идораи мамлакат бевосита ё худ аз тариқи намояндагон дар ҷараёни интихоботи ҳалол интихобшуда иштирок кардаашонро эҳтиром менамояд». (Маҷмўи ҳуҷҷатҳои байналхалқии САҲА).

Қонунгузории интихоботи мо ба равандҳои умумӣ ва ягонае, ки бояд тамоми иштирокдорони ҷараёни интихобот тибқи он амал кунанд, яъне ба ҳуқуқи умумӣ, баробар, бевосита интихоб шудан такя карда, ҳуқуқи интихоботи шаҳрвандон, ифодаи озодонаи иродаи онҳо, ба амал татбиқ ёфтани манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқи ҳифзи онҳоро таъмин менамояд.

Бартарии қонунгузории интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва амалиёти он аз қонунгузориҳои интихоботии як қатор давлатҳо дар он мебошад, ки комиссияҳои марказӣ ва ҳудудии интихобот; комиссияҳои интихоботии ноҳия ва шаҳрҳо; комиссияҳои интихоботии ҳавзаҳои оид ба гузаронидани интихобот дар шўроҳои депутатҳои халқии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд; комиссияҳои интихоботии қитъаҳоро ташкил мекунад ва баргузор менамояд.

Дар Ўзбекистон танҳо ҳизбҳои сиёсӣ дорои ҳуқуқи пешниҳод кардани номзадҳо ба депутатӣ мебошанд. Дар қонунгузории интихобот мустаҳкам карда шудани ин меъёр, агар аз як ҷониб муқобилнокии интихоботро таъмин созад, аз ҷониби дигар имконияти интихоби номзади муносибро фароҳам меоварад. Ҳоли ҳозир дар Ўзбекистон панҷ ҳизби сиёсӣ, яъне Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – Ҳизби либерал-демократии Ўзбекистон, Ҳизби халқии демократии Ўзбекистон, Ҳизби демократии «Миллий тикланиш», Ҳизби сотсиал-демократии «Адолат» ва Ҳизби экологӣ дар интихобот иштирок мекунанд.

Боз як ҷиҳати ба худ хоси интихобот дар Ўзбекистон ин таъмин гардидани ҳуқуқи иштироки мушоҳидони ҳам маҳаллӣ ва ҳам байналхалқӣ дар тамоми зинаҳои маъракаи интихобот ба шумор меравад. Дар баъзе давлатҳо бошад, мушоҳидон танҳо рўзи овоздиҳӣ ширкат меварзанд.

Дар кишвари мо барои ташвиқоти пешазинтихоботии номзадҳо ба депутатӣ шароитҳои мусовӣ фароҳам оварда шудаанд. Аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ бобати равшан кардани интихоботи Ўзбекистон марказҳои матбуоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ташкил карда мешаванд, дар онҳо намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳаллӣ ва хориҷӣ метавонанд иштирок кунанд.

Агар ба ҷиҳатҳои ба худ хоси интихоботи соли ҷорӣ таваққуф намоем, бояд гуфт, ки моҳи декабри соли 2023-юм ба Кодекси интихобот дигаргунӣ ва иловаҳо ворид карда шуданд, он усули низоми интихобот ва моҳияти онро куллан тағйир дод. Дар ҳуҷҷати мазкур, пеш аз ҳама, дар Палатаи қонунгузорӣ тартиби нави гузаронидани интихоботи омехта, яъне низоми интихоботи мажоритар-пропортсионал муайян карда шуд. Минбаъд аз 150 нафар депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ ҳафтоду панҷ нафарашон бинобар ҳавзаҳои интихоботии якмандатӣ интихоб карда мешаванд; ҳафтоду панҷ нафари дигар мувофиқи ҳавзаи ягонаи интихобот мувофиқи овозҳое, ки ба ҳизбҳои сиёсӣ ба тариқи мутаносиб дода шудаанд, дар асоси рўйхати ҳизб интихоб мешаванд.

Ҳамчунин мувофиқи навгонӣ, агар ҳафт ва фоизи аз он зиёди овози ба интихоб иштироккардагонро як ҳизби сиёсӣ ба даст оварда бошад, ҷойи депутатҳо дар байни ҳизби дуюми сиёсие, ки соҳиби овози зиёд гардидааст, тақсим карда мешавад. Ғайр аз ин, бинобар дигаргуниҳо ҳадди ақалл панҷ нафар депутати Палати қонунгузорӣ ҳуқуқ доранд фраксия ташкил диҳанд (дар собиқа миқдори онҳо нуҳ нафар буд).

Комиссияи марказии интихоботӣ (КМИ); комиссияҳои интихоботии ҳудудӣ; комиссияҳои интихоботии ноҳия ва шаҳрҳо; комиссияҳои интихоботии ҳавзаҳои шўроҳои депутатҳои халқии оид ба гузаронидани интихобот дар ҳавзаҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд; комиссияҳои интихоботи минтақавӣ ба низоми комиссияҳои интихоботӣ дохил мешаванд (Моддаи 11-уми Кодекси интихобот).

Миқдори аъзои Комиссияи марказии интихоботӣ низ аз 15 ба 9 нафар кам карда шуд. Баробари ин раиси он мувофиқи пешниҳоди Президенти Ўзбекистон интихоб карда мешавад. Ғайр аз ин, ў наметавонад дар ин вазифа пайи ҳам беш аз ду бор интихоб карда шавад, ҳамчунин ақаллан як нафари узви Комиссияи марказии интихоботӣ бояд аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон бошад.

Миқдори бонувон бинобар ҳавзаҳои интихоботи якмандатӣ, ҳамчунин дар асоси рўйхати ҳизб ҳадди ақалл бояд чил фоизи (пештар 30 фоиз буд) номзадҳои аз ҳизбҳои сиёсӣ пешниҳодшударо ташкил диҳад, ки низ навгонии ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Ин маънои онро дорад, ки аз панҷ нафар номзади пешниҳодкардаи ҳизб бояд ду нафар занон бошанд.

Хулоса, интихоботи Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, Шўрои депутатҳои маҳаллӣ дар Ўзбекистон мувофиқи меъёрҳои байналхалқии интихоботӣ ва талаботи қонунгузории миллӣ ташкил карда мешаванд. Мақсади асосии интихобот таъмин сохтани ҳуқуқи конститутсионии интихобкунӣ ва интихобшавии шаҳрвандон ба шумор меравад. Вазифаи асосии интихобкунандагон бошад, иштироки фаъол дар интихобот, овоздиҳӣ ба номзади муносиб ба депутатӣ, барномаи пешазинтихоботии ҳизбҳо ва номзадҳои онҳо, ташаккул додани мақомоти ҳокимияти давлатиест, ки ба пешрафти ҷамъият хидмат хоҳад кард.

**Амонулло МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори фанҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**



*Ҳоло минтақаи саноати ҷавонони шаҳри Қувасой, ки «Бунёдкор» ном дорад, соҳибкорони зиёдро дар як ҷо ҷамъ овардааст. Дар минтақаи саноатӣ, ки 10 гектар майдонро дар бар гирифтааст, 13-то лоиҳаи арзиши умумиаш ба 18 миллион доллар баробар ба амал татбиқ мегардад.*

*Ихтиёр Усмонов роҳбари ҶММ «Ideco мебел» мебошад, ки дар минтақаи саноатӣ ҷойгузин шудааст. Дар корхонаи ӯ беш аз 30 намуди мебели мулоим дар усули конвейер истеҳсол мешавад.*

*Аҳамиятнокии корхона дар он аст, ки ҳамаи коргарон ҷавонони то 30 сола буда, 20-тои онҳо то ба ин ҷо ба кор омадан дар хориҷ ҳамчун муҳоҷир фаъолият доштаанд. Моҳонаи ҳар як коргари корхона ба миқдори 500 доллар мебошад. Ба таъкиди И. Усмонов то ба ҳазор доллар баровардани моҳонаи коргарони ҷавон дар назар аст.*

***Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ideco мебел».*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ШИРКАТҲОИ ХИТОЙ ДАР ФАРҒОНА ТАВЛИДИ МАҲСУЛОТИ ГУНОГУНРО БАРНОМАРЕЗӢ МЕКУНАНД

***Зимни мулоқоти ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров бо намояндагони ширкати «Nanjing Fiberglass» таҳти роҳбарии директори генералии он Сунг Мин масъалаҳои марбут ба татбиқи лоиҳаи истеҳсоли нахи вижаи шишагӣ, маснуоти базалт ва нахи оптикӣ барои саноат ва сохтмонро мавриди баррасӣ қарор дод.***

Гуфта шуд, ки зимни сафари ҳайати Фарғона ба Чин дар моҳи июни соли ҷорӣ бо роҳбарони ин ширкат гуфтушунид сурат гирифтааст. Ҷонибҳо оид ба таъсиси корхонае ба тавофуқ расидаанд, ки маблағи 20 миллион доллари ИМА -ро тақозо менамояд ва ба истеҳсоли нахи вижаи шишагӣ, маснуоти базалт ва нахи оптикӣ барои саноат ва сохтмон ихтисос дода мешавад.

Дар мулоқоти дигаре, ки ҳокими вилоят бо роҳбарони ширкати «Shandong Wo Si Huo Te Machinery Equipment» Ҷей Силю ва Ли Ҷингуан анҷом дод, татбиқи лоиҳаи истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии мошинҳо мадди назар мебошад.

– Имрӯз дар Ўзбекистон саноати мошинсозӣ босуръат ривоҷ ёфта истодааст. Барои ҳамин истеҳсоли маҳсулоти сифатнок ва арзон натанҳо дар кишвари мо, балки дар хориҷ низ эҳтиёҷи зиёд пайдо намудааст, – гуфт Хайрулло Бозоров.

Интизор меравад, ки маҳсулоти дар Фарғона тавлидшуда зери тамғаи «Made in Uzbekistan» ба бозорҳо бароварда хоҳад шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Қабули сайёр*

# МАҚСАДИ ҚАБУЛ ОСОНСОЗИИ МУШКИЛОТ

***Мулоқоти рӯ ба рӯ бо аҳолӣ имкон медиҳад, ки роҳбарон аз орзую умед ва мушкилоти мардум огоҳ гардида, баҳри ҳал намудани мушкилоти онҳо ҳарчӣ бештар кумак расонанд.***

Қабули навбатии ҳокими вилоят Шавкат Абдураззоқов, ки дар ноҳияи Косонсой баргузор гардид, қариб 7 соат давом кард.

Муроҷиаткунандагон аз 200 нафар зиёд буда, оиди ҳалли масъалаҳои таъминоти энергияи электрикӣ, таъмири роҳҳои дохилӣ, бартарафкунии бекорӣ, кӯмаки тиббӣ ва моддӣ, масъалаи кадастр, кредит, хонаву ҷой ва соҳибкорӣ кӯмак пурсиданд.

– Аз ноҳияи Чуст омадам, – мегӯяд Бобурмирзо Зарипов. – Имсол Донишкадаи муҳандису сохтмони Намангонро хатм намудам. Хоҳиш дорам, ки дар соҳаи худ кор кунам. Дар ин хусус ба ҳоким гуфта будам, муаммоям ҳал шуд.

Масъалаи дуюм ин буд, ки аз кӯпруки маҳаллаи мо 3 маҳаллаи дигар низ истифода мебурд. Кӯпрук 16 сол пеш дар натиҷаи обхезӣ талафот дида буд. Роҳбари вилоят дар хусуси таъмири он ба мутасаддиён супориш дод. Онҳо барои зудтар иҷро кардани ин масъала ваъда доданд.

Дар ҷараёни қабул бисёр масъалаҳо дар ҷояш ҳал карда шуд. Баъзе муроҷиатҳое, ки ҳаллаш вақт талаб мекунад, ба назорат гирифта, маслиҳатҳои ҳуқуқӣ дода шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Наманган.**



*«Таҷрибаи Сайҳунобод», ки бо пешниҳоди Президент оммавӣ гардонда шудааст, ба мақсади баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, некӯҳолии мардум ва рушди хоҷагии деҳқонӣ хизмат мекунад. Дар маҳаллаи Иттифоқи ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё ба фаъолият оғоз намудани «Агромарказ», ки лоиҳаи он 3 миллиард сӯм маблағро ташкил мекунад, барои аҳолии маҳаллӣ қулайиҳо фароҳам овард.*

*Дар бино дорухонаи ветеринария, дуконҳои савдои маҳсулоти озуқаворӣ ва воситаҳои ҳифзи растаниҳо ҷой доранд. Оянда дар марказ сехи истеҳсоли халта, инчунин, маркази таълимӣ оид ба баланд бардоштани донишу малакаи аҳолӣ ба соҳаи кишоварзӣ кушода мешавад.*

***Дар сурат:** лавҳа аз чорабинӣ.*

***Суратгир: Ш. ОРТИҚБОЕВ. ЎзА.***

# НАМОИШИ САЛОҲИЯТИ САЙЁҲИИ САМАРҚАНД ДАР ЧИН

***Аз рӯйи маълумотҳои расмии омори вилоят дар шаш моҳи соли равон аз ҳама бештар сайёҳон ба шаҳри Самарқанд аз Чин ташриф фармудаанд.***

Таъкид шуд, ки риштаи дӯстию ҳамкорӣ бо ин кишвар асрҳои аср арзи вуҷуд дорад. Далели раднопазир Роҳи бузурги абрешим аст.

Аз ин рӯ, масъулони соҳаи туризм ва намояндагони ташкилотҳои сайёҳӣ бо сарварии ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов барои омӯхтани салоҳияти сайёҳии шаҳри Сиан ба Чин ташриф фармуданд.

Дар вохӯрӣ бо масъулони соҳа масъалаҳои боз ҳам такмил додани муносибатҳои тарафайн муҳокима гардид.

Дар анҷумани матбуотӣ барномаи «Самарқанд–дарвозаи сайёҳии Ўзбекистони Нав» намоиш дода шуд.

Рустам Қобилов оиди ислоҳоти соҳаи туризм ва шароити барои сайёҳони хориҷӣ фароҳамовардашуда, маълумотҳои шавқангезу ҷолиби диққат дода, ҳозиронро ба ҳамкорӣ даъват намуд.

Дар форум байни ҳокимияти вилояти Самарқанд ва провинсияи Шенсӣ, ки шаҳри Сиан дар тасаррufi он аст, меморандуми ҳамкорӣ ба имзо расид.

Дар поёни чорабинӣ ошпазҳои Самарқанд барои мизбонон палав пухта, анъанаҳои миллии худро нишон доданд.

*Қарори Президент – дар амал*

# БАРНОМАИ ХОТИРНИШИН

Дар асоси қарори сарвари давлат «Дар бораи тайёрӣ ва баргузор кардани ҷашни сиюсесолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон» дар саросари вилояти Самарқанд таҳти шиори «Танҳо бо ваҳдат – мо халқи ягона, танҳо якҷо – мо кишвари муқтадир!» фестивалҳои маънавию маърифатӣ ба вуқӯъ пайваст.

Дар амфитеатри «Мӯъҷиза»-и шаҳри Самарқанд ҷамъбасти хотимавии чорабиниҳои мазкур баргузор гардид.

Санъаткорони зиёд бо сурудҳои дилошӯбу дилнишин ба ҳозирон ғизои маънавӣ бахшиданд.

Анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ бо барномаи «Чилла – мавсими истеъдодҳо» ба поён расид.

*Анҷумани матбуотӣ*

# «ТАРОНАҲОИ ШАРҚ» ДАР РЕГИСТОН БАРГУЗОР НАМЕГАРДАД

***Ҷашнвораи байналмилалии «Таронаҳои Шарқ» бори нахуст дар соли 1997 ташкил ёфт ва аз 31 кишвари ҷаҳон ҳунармандон ширкат варзиданд. Аз сабаби пандемия ин ҷашнвора чанд муддат ташкил нашуда буд. Он то ҳол дар майдони Регистон баргузор мегардид.***

Ниҳоят боз Ҷашнвораи байналмилалии «Таронаҳои Шарқ» 26-30-юми августи соли равон таҳти сарпарастии ЮНЕСКО дар маҷмӯаи «Шаҳри абадӣ» идома хоҳад ёфт.

Дар ин бора коргардони фестивал Шамсиддин Усмонов ба вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ иттилоъ дод.

– Сабаби дар майдони Регистон нагузаштани ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» аз он иборат аст, ки маҷмӯаи Регистон ҳамчун мероси мадании гузаштагони мо барои насли оянда ҳифз хоҳад шуд, – гуфт Шамсиддин Усмонов, – ғайр аз он барои сайёҳони хориҷӣ «Шаҳри абадӣ» имконият ва шароити хуби истироҳату дар меҳмонхонаҳои замонавӣ зистанро доранд.

Боиси хушнудист, ки аллакай дар ин ҷо барои гузаронидани анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ тайёрӣ дида мешавад.

Аз рӯйи нақша беш аз 300 нафар санъаткорон қариб аз 80 кишвари ҷаҳон барои иштирок дар анҷумани бошукӯҳи фарҳангӣ ариза додаанд.

Сипас, масъулони чорабинии мазкур ба саволҳои журналистон ҷавоб дода, таъкид намуданд, ки ташрифи вакилони расонаҳои ахбори оммавии хориҷӣ низ ба назар гирифта шудааст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# МАРҲИЛАИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУНИ «МАЪНАВИЯТЧИИ ҶАВОН – 2024»

***Дар Бухоро бо ҳамкории шуъбаи вилоятии Маркази «Маънавият ва маърифат»-и ҷумҳурӣ, Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят, шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагон, Садорати вилоятии Иттиҳоди маҳалла марҳилаи вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Маънавиятчии ҷавон – 2024» баргузор гардид.***

Мақсад аз гузаронидани ин тадбир таъмин намудани майли ҷавонон ба пухта омӯхтани асосҳои маънавияту маърифат ва соҳаҳои дигар, афзун гардондани фаъолӣ ва иштироки онҳо дар сатҳи байналмилалӣ, муайян ва дастгирӣ кардани ҷавонони иқтидорнок мебошад.

Иштироккунандагони озмун аз рӯи чор шарт дониш ва малакаҳои худро маълум карданд. Доварон ин ҷараёнро ҳаматарафа ба назорат гирифта ғолибонро муайян намуданд.

Ҷои якум ба роҳбаладии ҷавонони «Навбаҳор»-и шаҳри Бухоро Асадбек Насимов, ҷои дуюм ба роҳбаладии ҷавонони маҳаллаи «Фурқат»-и шаҳри Когон Беҳрӯз Давлатов ва ҷои сеюм ба омӯзгори фанни забони англисии мактаби таълими умумии рақами 31-уми ноҳияи Ҷондор Азиза Файзиева насиб кард.

Ғолиби марҳилаи вилоятии озмун Асадбек Насимов ба марҳилаи ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифт.

**Амрулло АВЕЗОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти БУХОРО.*

## ХАБАРҲО

### ПИРӮЗИИ «ЗАКОВАТ» ДАР КИШВАРИ ҲАМСОЯ

***Дар пойтахти Қазоқистон – шаҳри Остона мусобиқаи байналхалқии зеҳнӣ – «Заковат» баргузор гардид. Ҷамоаи Ўзбекистон бо Қазоқистон қувва санҷид ва ғалаба кард.***

Дар чорабинӣ ёрдамчии Президенти Ўзбекистон Саида Мирзиёева ва роҳбари департаменти сиёсат оиди ахбори Маъмурияти Президент Комил Алламҷонов иштирок намуданд. Навъе узви клуби «Заковат» Хушнудбек Худойбердиев таъкид менамояд, мурод аз турнир боз ҳам ривоҷ бахшидан ба фикррони мантиқист. Муттаҳидсозии интеллектҳои ду халқи бародар, айни замон, дар Осиёи Марказӣ ҳосил кардани тренди нав оиди тараққиёти зеҳнӣ аз мақсадҳои асосии ташкилкунандагони турнир мебошад.

### АЭРОПОРТИ УРГАНҶ ФАЪОЛИЯТАШРО БАРҚАРОР КАРД

***То бехавфии парвозҳо таъмин гардад, лозим меояд майдонҳои фурудгоҳ, хусусан, роҳравҳои парвозу фуруд ҳамеша ба талаб ҷавобгӯ бошанд, қисмҳои шикастхӯрда ҳатман таъмир гарданд.***

Бинобар оғоз ёфтани корҳои таъмирӣ дар роҳравҳои парвозу фуруд дар аэропорти байналхалқии Урганҷ аз 20 июл муваққатан фурудгоҳи зикршуда фаъолияти худро боздошта буд. Бо сабаби аз муҳлат пештар ба анҷом расидани корҳои таъмирӣ аэропорт фаъолияташро боз ба роҳ гузошт. Маълум мешавад дар давоми ду ҳафта дар ин ҷо корҳои калонҳаҷм хушсифат ба амал бароварда шудааст. Аз ҷумла, рӯйпӯшҳои парвозу фуруд (дарозиаш 3000 метр, бараш 45 метр) пурра иваз карда шуд. Айни замон роҳравҳои дувуму сеюм аз таъмири пурра бароварда шуданд. Навигарӣ имкон медиҳад рейсҳо ба шаҳри Урганҷ боз ҳам зиёдтар ва хушсифатии хидматрасонӣ ба мусофирон таъмин гардад.

### «КИМОНО» – ИШТИРОКДОРИ КИНОҶАШНВОРАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***15-25 августи соли равон дар пойтахти Русия бори сенздаҳум баргузоршавии Киноҷашнвораи байналхалқии Маскав бо унвони «Хоҳем зист» ба нақша даромадааст.***

Ба ҷашнвора аз 15 давлат бештар аз 400 филм фиристода шудааст. Аз диёри мо донишҷӯи филиали дар Тошканд будаи Институти давлатии кинематографияи Русия Санҷар Муродшайхов бо филми кӯтоҳметражи худ «Кимоно» иштирок хоҳад кард.

Назар ба маълумоти президенти ҷашнвора Евгений Герасимов, ба барномаи филмҳои бадеӣ 8 картинаи пурраметраж, 22 кӯтоҳметраж ва 10 филми ҳуҷҷатӣ, ки онҳоро Русия, Беларус, Эрон, Қирғизистон ва Ўзбекистон тақдим намудаанд, ҷойгир шудааст.

**М.ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».**

# ТАВАҶҶУҲИ ХОРИҶИЁН БА ДЕҲАИ САЙЁҲИИ САНГАРДАК

***Шаршараи муъҷизавии Сангардакро ҳар касе, ки тамошо намудааст у аз табиати мафтункори вай баҳра бурдааст, дер гоҳ қалби ӯро фараҳ тарк намесозад. Ободкориҳое, ки тайи солҳои охир дар ин гӯшаи зебоманзари ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё ба амал омад, беқиёс аст. Алалхусус, баъди мақоми «Қишлоқи сайёҳӣ» пайдо кардани Сангардак он боз ҳам обод, дилфиребу ҷаззоб гашт.***

Қадами сайёҳони маҳалливу хориҷӣ ҳоло канда нест. Ба сабаби мусоиду фораму салқин будани обу ҳаво дар фасли тобистон равуойи меҳмонон беҳад зиёд мегардад ва дар атрофи шаршара аз анбӯҳи одамон ҷойи сӯзанпартоӣ ҳам пайдо намесозед.

Пресс-тури навбатие, ки Саридораи туризми вилоят дар ин ҷо ташкил намуд, ин дафъа намояндагони ВАО, Раёсати маданияти вилоят бо шуъбаҳои ноҳиявӣ, ширкатҳои сайёҳии ватаниву хориҷӣ, марказҳои ҳунармандӣ, марказҳои миллӣ-маданӣ (тоҷик, рус, туркман)-ро канори худ сарҷамъ намуд. Алалхусус, ташрифи намояндагони ширкати «SOMON TRAVEL»-и Тоҷикистон хеле сурурбахшу манфиатбахш буд. Зеро ин аз он далолат медиҳад, ки гӯшаҳои зебоманзари диёрамон диққати сайёҳони хориҷиро низ беш аз пеш ба худ ҷалб месозад.

Гурӯҳи ҳамсафари мо соати 7-саҳарӣ аз Тирмизшаҳр баромада, раҳораҳ манзараҳои атроф: кӯҳу кӯҳтал, боғу роғҳо, пистазорҳо, чашмаву дарёҳои зулолро тамошокунон ба манзил расид. Маросими ифтитоҳии чорабинӣ дар саҳни меҳмонхонаи ҳафтқабатаи хушсохту замонавии Сангардак, ки дар бағали кӯҳи баланд чун қасри муъҷизавӣ қад рост кардааст, баргузор шуд. Ин гӯшаи зебоманзари Сангардак аз қудуми меҳмонон гӯиё баракот ва ҳусни беҳамто пайдо карда буд. Марказҳои ҳунармандӣ, марказҳои миллӣ-маданӣ маҳсулоти ҳунармандии миллии хешро ба маърази тамошо гузошта буданд. Бемуҳобо Маркази миллӣ-мадании тоҷикони Сурхондарё низ намоиши хубе ба тамошо гузошта буданд, ки бештар диққати меҳмононро ба худ ҷалб месохт. Чун мо дар намоишгоҳи Маркази миллӣ-мадании тоҷикони Сурхондарё қарор доштем, нафаре аз меҳмонон маҳсули меҳнати ҳунармандонро тамошокунон ногоҳ сӯйи ҳунарманд Хайрулло Раҳматов, ки бо тор сурудеро замзама мекард, нигоҳ карда бо завқ «оё шумо ҳамон нафаре нестед, ки ба қарибӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» дар бораи шумо мақолае чоп шудагӣ буд» гӯён пурсон шуд. Хайруллоҳи ҳунарманд «оре, ман ҳамонам» гӯён бо нармӣ ва тамкини ба худ хос посух дод. Меҳмон бошад бо ҳунарманд самимӣ ҳолпурсӣ намуда: «ман дар орзуи бо шумо шинос шудан доштам, ният холис будааст, мана Худо рӯ ба рӯ кард, маҳсулотатонро харидорӣ карданиам» гӯён манзилу рақами телефонро навишта гирифт. Аз эътибор ва қадр ёфтани ҳунараш Хайруллоҳи ҳунарманд ҳам шод гашта, изҳори ташаккур намуд.

Ниҳоят, суханвар Сурайёи Норманӣ меҳмононро назди даромадгоҳи меҳмонхона, ки айни ҳол вазифаи саҳнаро иҷро мекард, даъват сохта, ба забонҳои ӯзбекиву тоҷикӣ меҳмононро хайра мақдам гуфт ва риштаи суханро ба муовини раҳбари Саридораи туризм ва раҳбари ширкати сайёҳии «SOMON TRAVEL»-и Тоҷикистон Умедҷон Саидов супорид.

– Ба ҳамаи ташкилотҳои ҳамкоре, ки дар баргузории ин чорабинӣ саҳм гаштанд, изҳори ташаккур мекунам, – гуфт муовини раҳбари Саридораи туризми вилоят Дилмурод Ҳафизов. – Алалхусус, ба намояндагон ва раҳбари Ширкати сайёҳии «SOMON TRAVEL»-и Тоҷикистон Умедҷон Саидов сипосгузорам, ки даъвати моро пазируфта ширкат меварзанд ва мо бо ин ширкати бонуфуз инак ҳамкориро ба роҳ хоҳем монд.

– Ман ба ин гӯшаи зебоманзар омада хело фараҳманд гаштам, – гуфт зимни суханронии хеш Умедҷон Саидов. – Воқеан ҳам табиати ин ҷо мафтункор аст ва мардумонаш самимӣ. Дар ин ҷо соҳаи туризм хело рушд кардааст. Боварии комил дорам, ки ҳамкориҳои мо бо ширкатҳои сайёҳии Ўзбекистон барои ду ҷониб ҳам манфиатбахш аст, он барои таҳким бахшидани дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек низ хидмати шоён хоҳад кард.

Баъди суханронии ҳарду раҳбар қисми бадеӣ оғоз ёфт. Дастаҳои ҳунарии фолклор-этнографии «Шалола»-и Бойсун, «Дашнобод» ва «Зевар»-и Сариосиё, сароядагони хонаи маданияти ноҳияҳои Узуну Ҷарқӯрғон ва марказҳои миллӣ-мадании тоҷик, рус ва туркман санъати миллии худро ба навбат намоиш доданд. Меҳмонон бошад, дар ҳавои суруду оҳангҳои миллӣ рақс карданд.

Навбат ба имзои шартномаҳо расид. Ширкати «SOMON TRAVEL» бо Саридораи туризми вилоят ва якчанд ширкатҳои сайёҳии вилоят созишномаҳо ба имзо расонид. Ширкатҳои сайёҳии вилоят низ байни ҳам шартномаҳо имзо намуданд.

Ҳунарпешагон Муътабар Ортиқова ва Парвез Муродуллоев бо сурудҳои миллӣ табъи ҳозиринро болида сохтанд. Ин ҷо мусобиқаи ошпазҳо низ ташкил гардида буд. Ошпазҳои моҳир ҳунари пазандагии худро намоиш доданд ва ҳунари онҳо аз ҷониби Саридораи туризми вилоят қадр карда шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Ба пешвози 100-солагии «Овози тоҷик»*

# ҶАШН МУБОРАК, «ОВОЗИ ТОҶИК»!

Замони бачагиам калонсолон мегуфтанд: «Умри одам оби ҷӯй барин тез мегузарад». Мо он гоҳ ба моҳияти ин гуфтаҳо чандон сарфаҳм намерафтем. Имрӯз, ки синнам ба 84 расидааст, ба ҳақиқат будани ин суханон гувоҳам. Гӯё дирӯз буд, мактабхон будем. Азбаски деҳаамон дар наздикии шаҳри Бухоро воқеъ гаштааст, касби зардӯзиро омӯхта, дар фабрикаи зардӯзии шаҳр ба кор даромадам. Заҳматҳои тӯлониам дар соҳаи зардӯзӣ бесамар намонд. Соли 1982 сазовори унвони «Мусаввири халқии Ӯзбекистон» шуда бошам, соли 1995 унвони олии «Қаҳрамони Ӯзбекистон» насибам гашт. Замоне дӯхтани пардаи Театри Калони опера ва балети ба номи А. Навоии пойтахтро ба камина бовар карда буданд. Сарфарозам, ки бештар аз 200 нафар шогирдони зардӯз дорам. Ӯзбекистон ватани сермиллати мост. Ман, ки ҳашт сол дар мактаби деҳа – атрофи Чорбакри ноҳияи Бухоро ба забони модариам – тоҷикӣ таҳсил гирифтаам, ба забони давлатӣ чандон балад набудам. Аз ин рӯ, вақте ки дар маҷлису анҷуманҳо бандаро барои сухан ба минбар даъват менамуданд, на ҳамеша ин таклифҳоро қабул карда метавонистам. Тадриҷан баъди машқу омӯзиш, ниҳоят, забони давлатиро низ хуб омӯхтам.



Рӯзномаи «Ӯзбекистони сурх» («Овози тоҷик»-и имрӯза) солҳои мактабхонӣ ҳамдами мо буд. Сарбаландам, ки дар ин рӯзнома дар бораи комёбиҳои меҳнатии банда низ мақолаҳо чоп шудааст. 25 августи соли ҷорӣ 100-сола шудани «Овози тоҷик»-ро шунида сарам ба осмон расид. Охир, ин рӯзномаи «мӯйсафед», ки ба забони модариамон – тоҷикӣ чоп мешавад, мояи ифтихори мо аст.

Ҷашни 100-солагиат муборак бод, рӯзномаи ба дилу дида наздик!

**Муяссар ТЕМИРОВА,**
**Қаҳрамони Ӯзбекистон.**

*Шаҳри БУХОРО.*

# САРНАВИШТҲОИ БА АДАБИЁТ ВА САНЪАТ ПАЙВАСТ

## *Ё ХУД ҲАМБАСТАГИИ ТИРОЗИ ҶАҲОН БО САМАРҚАНДУ ТОШКАНД*

Дӯсти мо, бародари мо, устоди мо Муҳсин Аминзода 70-сола шудааст. Бовар намеояд. Гӯё дирӯзак ҳамроҳ ба институт мерафтем, дар як аудитория дарс мехондем... Нафақат ҳамсабақон, ҳамаи донишҷӯёни ИДПЛ (феълан Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) ӯро бо эҳтиром «Муҳсинако» мегуфтанд. Мо бачаи қишлоқие, ки нав ба шаҳр омадааст, вай шоири шинохта. Вале худро баланд намегирифт, ба ҳамкурсон (бачаҳои аз худаш чанд сол хурд) бародар буду баробар. Ҷуз ин вай намояндаи яке аз хонадонҳои арҷманд дар Хуҷанд, писари шоири номвар Муҳиддин Аминзода (1904–1966). Сулоларо баробари Тоҷикистон дар Ӯзбекистон низ хуб мешиносанд.

Яке аз аввалин шоирони касбӣ дар давраи нави таърихӣ аз Хуҷанд Муҳиддин Аминзода баробари фарогирии таълим дар мактабҳои куҳнаву нав сабақи ибтидоии адабиву мусиқиро аз қиблагоҳи хеш Муҳаммадамин гирифт, ки мударрисӣ мекард. Пасон баҳри такмили донишу биниш ба Самарқанд рафт, дар курсҳои педагогӣ хонд ва муаллимӣ намуд, сонӣ дар Институти мусиқии хореографии Самарқанд таҳсил гирифт ва ба зодгоҳ баргашт. Роҳбари бадеии Театри драмаи мусиқии Хуҷанд таъин гашт. Баъдтар дар Театри мусиқии Душанбе (ҳоло Театри опера ва балет) фаъолият бурд. Дар пиронсолӣ ба Хуҷанд баргашт, ба кори эҷодӣ машғул шуд.

Муҳиддин Аминзода муаллифи даҳҳо маҷмӯаҳои шеърист. Чун мутарҷим низ хидмати шоиста кардааст. Аз ҷумла, падидаҳои қаламии Ҳамза, Ғафур Ғулом, Собир Абдулло, Аширмат ва дигар шоирони халқи бародарро «тоҷикӣ гардонда», чун тарғибгари адабиёти ӯзбек дар Тоҷикистон ном баровард.

Дар давраи мактабхонӣ «Фарҳод ва Ширин»-и Навоиро, ки расм ва миниатюраҳои ҷолиб дошт, ба забони модариамон мутолиа карда будем. Бо вуҷуди ҳанӯз бача будан ҳис мекардем, ки забони асар чӣ тавр салису равон. Маҳорати тарҷумонии Муҳиддин Аминзода, ки баробари ду забон аз неъматҳои адабиёти бузургшохаву амиқрешаи ду бародархалқ хуб бархурдор буд, ба ҳар эътироф меарзид.

Дигар аз намояндагони номвари хонадон – Ойдиной Усмонова (1928–1914). Муҳиддин Аминзода ва духтари баҳунари Самарқанд (раққоса, актриса, овозхон) оила барпо карданд. Ойдиной ба ҳайси ҳунарвар дар Театри ба номи Пушкин (ҳоло ба номи Камоли Хуҷандӣ) ва ҳамчун овозхон дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ (Душанбе) фаъолият намуд. Ба дараҷаи Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон расид.

Яке аз ситораҳои санъати Тоҷикистон, Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ Зебо Аминзодаро, ки духтари Муҳиддинакаву Ойдинапа аст, Ӯзбекистон низ «худӣ» меҳисобад. Ӯ мисли модар ва модаркалони худ (Кароматхон Зокирова) чун маликаи чиҳил шаҳри ҳунар шинохта шудааст. Дар хурдсолиаш ба Маскав фиристоданд, ба мактаби балет, вале на ба балет, бештар ба рақси миллӣ шавқу рағбат дошт ғунчаи ҳунар. Аз ин рӯ лозим шумурданд ба Тошканд оваранд. Зебо омӯзишгоҳи хореографии Тошкандро соли 1965 ба итмом расонд. Ба ансамбли рақсии «Баҳор» таклиф карданд. Вале тақдир ӯро ба Хуҷанд пайваст. То соли 1978 дар театри мусиқӣ-мазҳакавии зодгоҳ фаъолият бурд. Ба Душанбе хонданд ва ба ансамбли рақсии «Зебо» роҳбари бадеӣ ва сарбалетмейстер таъин намуданд. Баъдан дар Маскав вазифаҳои боз ҳам масъулиятталабтарро ба зимма гирифт ва чун ходими ҷамъиятӣ низ шинохта шуд. Соли 2014, баъде бо саъйи роҳбари аввали Тоҷикистон «Зебо»-и афсонавӣ фаъолияти худро барқарор кард, ба Зебо Аминзода, ки нав ба ватан баргашта буд, вазифаи аввалаашро супурданд.

«Зебо» нисфи Аврупою Осиёро гаштааст. Сюитаҳои рақсӣ ва хореографияҳои саҳнавие, ки Зебо бо унвонҳои «Муноҷот», «Боди сабо», «Эй санам» ва ғайра таҳия кардааст, дар наворҳо монда ва умри ҷовид доранд.

Чанде пеш Зебо бо «Зебо»-и худ ба Тошканд омад. Рақсҳои дилрабои тоҷикӣ тамошобинонро мафтун сохт. Суҳбатҳои кӯтоҳ бо худи раққоса ва балетмейстери шуҳравар низ басо мароқангез буд. Ба гунаи нурбораш менигаристанд ва ба аҷаб ҳам меомаданд, ки ин чеҳраи намоёни ҳунар, бо вуҷуди он ки аз ҳафтод гузашта, ҳанӯз зебост.

Вақте пурсидаанд, ки рақс чист, посух додааст: «Рақс ҳусни зиндагист! Зебоии онро тараннум ва муҷассам месозад».

Ду сол қабл китобе чоп шуд дар Душанбе, ки «Бе Зебо «Зебо» набуд» унвон дошт. Бале, ҳанӯз зеби «Зебо», ки умри дубора ёфт, Зебост!

Бахшида ба Зебо шеърҳо низ навишта шудаанд. «Рақс кун, хоҳаракам!» унвон дорад яке аз ин шеърҳо, ки ба қалами хоҳарбузурги вай Озод Аминзода мутааллиқ аст.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# РӮҲИ УСТОД БОЛИДА ГАРДАД

*Ҳеч кас аз пеши худ чизе нашуд,*
*Ҳеч оҳан ханҷари тезе нашуд.*

Ҳақ аст маънии ин гавҳари манзуми Шамси Табрезӣ. Ҳеч кас дар оғӯши гаҳвора ба дараҷаи имрӯзааш набуд. Вайро баъдтар таҷрибаи рӯзгор, панди омӯзгор, расонаҳои рӯзномаву моҳнома ва солномаҳо ба қофилаи бузургон ҳидоят намуд. Хосса, рӯзномаи «Овози тоҷик» ба чакидаҳои аввалини чун ман ҳаводори шеъру шоирӣ, иншо кардан бетараф набуд. Дар пухта шудани иншо ва расидани меваҳои нахли манзуму мансур аз ҳиммати волои кормандони рӯзнома, махсусан, Абдулло Субҳон миннатпазирем.

Дар соҳилнишин гаштани муштариёни шеъру шоирӣ, рушду камоли забони тоҷикӣ ва осори қаламкашон ҷидду ҷаҳди мавҷҳои наҳри дамони баёни рӯзнома хотирмон аст.

Онҳое, ки ба аспи такаббур саворанду нисбат ба ҳусни баёни забони модариашон бетарафанд, аз гузари маданияти суханварӣ нагузаштаанд, дар ҳавои ба забони модарӣ хидмати беминнати фарзандона кардан нестанд, аз олами илму адаб дуранд, аз ҷалоли тарбия бебаҳра мондаанд, бо панду андарзҳои рӯзнома ба худ меоянд.

Ҳеч ҳеч аст, аз хоку оби мусоид рустанӣ мерӯяд. Банда аз саҳифаҳои ин рӯзнома аз он сабаб сипосгузорам, ки вай Малики мутағайрро Малики Кабир кард, олимам, шоирам, нависандаи муътақидам кард.

Илоҳо, умри «Овози тоҷик» солиёни сол, асрҳои аср поянда бошад, аз ҳусни баёнаш рӯҳи муассиси он – устод Садриддин Айнӣ болида гардад!

**Малик КАБИРОВ,**
**ноҳияи Бӯстонлиқи**
**вилояти Тошканд.**

*Дар шаҳри Янгиери вилояти Сирдарё марҳилаи аввали сохтмони мавзеи «Ӯзбекистони Нав» ба охир расид. Ҷараёни сохтмон аз ду марҳила иборат буда, сохтори 50-то хонавода ва объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ дар ҳудуди 16 гектар майдон ба нақша гирифта шудааст. Имрӯзҳо 400 хонаводаи 20-то бино ба истифода супурда шудааст, ки ҳоло мардум ба он ҷо кӯч мебанданд.*

*Боиси таваҷҷӯҳ аст, ки барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ дар наздикии мавзеъ минтақаи саноати хурд ташкил кардаанд. Дар минтақаи хурди саноатӣ 21 лоиҳаро ҷорӣ намуда, беш аз 2 ҳазор ҷойи нави корӣ офарида шудааст.*



***Дар сурат:*** *дар мавзеи «Ӯзбекистони Нав»-и шаҳри Янгиер.*

***Суратгир: Ш. ОРТИҚБОЕВ (ӮзА).***

*Шукур ХОЛМИРЗОЕВ*

# ТИНАТИ ӮЗБЕК

*(Ҳикоя)*

Ман ҳоло бароятон як воқеаро ҳикоят мекунам.

Вақте ки курси дуюм мехондем, ба пахтачинӣ рафтем. Ба Бӯка ном ноҳия. Ба колхозе, ки дар каронаҳои ин туман воқеъ шуда буд. Ҷойе будааст, ки ба Сурхони худи мо хеле монанд: дар ҳар қадам алафи ғеша (лух) рӯида аст; гӯё қабза-қабза қамиши наврустаро бо бехаш кӯчат карда бошанд. Хеле аҷириқзор. Як замини чарогоҳбоб ва макони чиликбозии бачаҳо!

Қадрдони ман, ба ту ҳамон лаҳазотро ҳикоят кардам, ки ба худам, ба ҳамин дили зормондаам хеле мақбул буд: ин хел мавзеъҳо, албатта, хеле мефорад!

Хуллас, аз ҳамин мавзеи аҷириқзор каме бигзаред, деҳаяке оғоз меёбад, ки тахмин бистсӣ хонадон зиндагӣ мекунанд. Ҳамаи хонаҳояш лойандова шудаанд ва иборат аз похсадевор ҳастанд. Вақти рафтани мо аксари боми хонаҳо хаспӯш шуда ва онҳо заб-зард буданд. Дар болои баъзеашон бачаякон менишастанд. Моро дидан замон хушнудона бо ғиреви беғубори пур аз ханда пешвоз гирифтанд. Бечораҳо... Дар роҳи сангфарш мошини мо истод. Муаллимон байни худ машварат кардаву ба хулосае омада, моро аз ҳамин ҷо баргардонда, ба пастхамие сарнишеб карданд.

Имората нимасохти як бригадир манзили зисти мо таъин шуд. Ин хона ҳам лойандова будааст. Тиреза надошт. Заминаш заҳ. Аз кулбаҳои маъмулӣ тафовуте надошт. Дар байни бачаҳои фарғонагиву тошкандӣ назар ба ман синну солашон калон зиёд буданд: баъзе хидмати ҳарбиро тамом карда омадаанд, бархе ҳунаристонҳоро... Банда бошад, қатори худатон, синфи даҳро хатм намудаву ба донишгоҳ дохил шуда будам. Ҳаминро бояд гӯям, ки дар масъалаи савод аз онҳо паст набудам, баъзан баландӣ ҳам мекардам: ба ҳар ҳол, бачае будам, ки синфи даҳро хатм намуда, рост ба донишгоҳ дохил шудааст. Донишҳоям ҳанӯз «свежий»... Зиёда аз ин, ба худатон маълум, камина аз фаъолони китобхона, хусусан, китобхонаи фундаменталӣ мебошам.

Лекин як зарра шармгиние дорам. Аздусар нисбат ба онҳо – водигиву тошкандиҳо, ростӣ, деҳотитар ҳастам. Балки дар боби «уҳдабароӣ» ҳам хеле хом будам.

Не? Э! Агар шуморо дар ҳамон хона ҷой бикунанд, чӣ кор мекардед? Аз дафтари буғалтири колхоз бухориро канда меовардед? Оё меовардед? Не. Ба ҷойи тиреза чӣ мегузоштед? Мумварақ... Вайро аз куҷо пайдо мекардед? Ана ҳамин хел... Ман акнун «уҳда» гуфта истодаам, аммо гап дар он аст, ки ҳамон замонҳо онҳо ба ман ҳатто бачаҳои гирое намудор гашта буданд... Бале, баъде, ки хона гармакак шуд, албатта, мефорад!

Ӯрмон ном як ҳамкурс доштем. Ҷавони химчавор рост ва газгӯштест. Се сол ба донишгоҳ дохил шуда натавонистааст. Ба Сибир помидору пиёз бурдаву фурӯхтааст. Саргузашти дар қаторахои ӯро бишнавед, эҳҳа... Бачаҳои пухта-дия! Комсоргамон ҳам Азимҷон ном ҷавоне буд. Танҳо навиштаҳои Ремарк ва Ҳемингуэйро хонда менавишт: «Адибони мо дурӯғгӯянд». Ман? Албатта, ба ӯ муқобил мебаромадам...

Ҳамин хел, ҷобаҷо шудем. Ба фарш пахол паҳн намудем, аз болояш чодар кашидем. Баъд кӯрпаву кӯрпачаҳоро партофтем. Чойник, сатил ҳам ёфтаву оварданд.

Шаб шуда буд. Медонед, шаби нахуст хобидан душвор. Латифагӯйӣ карданд бачаҳо: «Ҳамон афандии шумо дида, ҳамон афандии шумо фаҳмида...»

Бачаҳо дарҳол пешгаҳ, ду паҳлӯи хонаро банд намуда буданд. Бинобар ин ба ман аз лаби дар ҷой расид. Надонистам, шояд шаб дар кушод мондааст магар, биннии ман маҳкам шудааст.

Дар осмон абрҳои сиёҳи вазнине давр мезаданд, аммо пахтазорони домана равшан ба чашм мерасиданд. Аз чинаки сонӣ баромада ва аксари ғӯзаҳо барг партофтаву ранги заъфарон гирифтаанд.

Ба сутуни айвон такя оварда, тамошоро сар кардам: дар ҳошияи пахтазорон дарахтони тут буданд. Ҳамон тутҳо... Дар ину он ҷойҳо селаи гунҷишкакон парвоз мекунанд. Дар он тарафи тутзор иморати дарозе ба чашм мерасид, ки рангаш суфи хомро мемонд. Дар назди вай, ба фикрам, бӯшкаеро меҷӯшонданд ва аз карнайи он ҳар замон забонаи оташ намудор мегашт.

Баъд, дар пастхамие – дар лаби ҷӯйборе, ки пахтазорро аз мо ҷудо мекард, чашм ба кулбаи фақиронае афтод. Боми вай ҳам хаспӯш шудааст. Дар болои хасҳо гунҷишкакон ҷамъ омадаанд: чириқ-чириқ садо мезананд... Дар лаби ҷӯй бошад, шарикдарси қароқалпоқам, бале, ҳамон Сафарбой танимайка ба давидан машғул аст.

Барои дасту рӯ шустан поён фаромадам.

– Каш либосатро. Бидав. Физкултура бикун! – гуфт Сафар.

– Э, пискултураам баромада истодааст, – гуфтам. Ҳамон замон дидам, ки кулба... манзили хурдакаки зисти одам будааст. Ман фикр кардаам, ки ягон хоначаи заминкане бошад ва мутаҳаййир гаштам. Тирезаи хурдакаке ҳам дошт.

Дар назди хонача бошад, медонед чӣ буд? – дастгоҳи бофандагӣ насб шудааст... дастӣ гилем мебофтанд. Як заифа бо шонаи калоне гурс-гурс задаву калобаро аз қабати риштаҳои бисёр инсӯву он сӯ гузаронда, шолча медӯхт Оҳиста ба вай наздик рафтам: ин манзара низ ба дили банда наздик аст, қадрдон!

Зан шарфаи пойи маро ҳис намуда, рӯймоли гардии сарашро кашидаву ба пешониаш фаровард.

– Ассалому алейкум, мондаҳои кор, апа! – гуфтам.

– Биёед, додар, – посух дод ӯ. – Хуш омадед... Нағзакак ҷобаҷо шудетон?

– Бале, ташаккур. Хе-ле хуб ҷо гирифтем... Зиндагиатон дар ҳамин хона?

– Ҳа, – гуфт ӯ. – Ҳӯҷаинам молбонӣ рафтааст. «Молбонӣ рафтааст!»

– Мол ҳам бонӣ мекунетон?

– Ҳа, колхоз як рама додааст.

«Як рама!» Охир, дар Тошканд ин гапҳоро намешунавед, ошноҷон. Ҳамин хел, нисбат ба онҳо дилам якбора гарм шуд.

– Буз аст, ё гӯсфанд?

– Омехта.

Бинам, дар шафати дигари хона як қӯраи дарозе будааст. Атрофаш бо шоху шиппаҳо печонда шудааст. Оҳиста он тараф гузаштам. Бӯйи пуск... Ҳа–ҳа–ҳа! Аз домани қӯра истода назар партофтам: ҳафтод-ҳаштод сар моли реза меҷӯшидаанд... Ман аз чӣ буд, ки дар ин ҷо ҳам одамон танҳо дар андешаи пахта, гуфта фикр мекардам. Акнун бошад, ба туфайли мол пахта ҳам ба назарам садчандон хуш тофт.

Бар болои ин, имрӯз ҳаво нарм. Ғӯзаҳо шуста ва намхушканд. Баргу пояҳояшон зард. Дар ҷӯйча оби зулоле ҷорист... О! Ҳамон замонаҳо дар Бӯка ҳам обҳо тозаву зулол буданд. Ба назарам, маводи кимёвӣ низ кам пошида мешуд. Аммо ман ба ин тарафаш эътибор накардаам... Чунки дар ҷойҳои мо оид ба маводи кимёвӣ, нотозагии оби ошомиданӣ ва ба ҳамин монанд гапу калочаҳо кам шунида мешуд. Хуллас, ман ба як гӯшаи Сурхон омада будам.

Ҳамин дам аз хона – хобгоҳамон яке паси дигаре чашмонашонро молида бачаҳо берун омаданд ва ба ҳар тараф ҳаракат намуданд. Баъзеашон ба Сафар ҳамроҳ шуданд. Бархе ба ҷониби пахтазор рафтанд. Ӯрмонако ба сари зани гилембоф омад.

– Чӣ хел шумо, апа? Мондаҳои кор!

– Зинда бошед, додар... Омадаву аҷаб коре кардетон...

– Ҳа, оё ба шумоён кӯмак накунем, мешавад? Чойи кабуд ҳаст? Аз хушкаш...

– Ҳаст, ҳаст. – Зан домани худро саросема фароварда, шонаро гузоштаву ба сӯйи кулба рафт. Дар пой як мӯзаи кирзаи кӯҳна, дар нӯки мӯйҳои дарозаш мӯйбанд дошт. Куртаи рангпаридааш дарзмолнадида ва ғиҷим буд. Дере нагузашта, як бонка ва тикаи газетае дар даст берун омад. Газетаро ба Ӯрмон дода, ба болояш бонкаро хам намуд. Як каф барин чой рехт. Ӯрмон:

– Шуд, раҳмат, – гуфт.

– Даркор, ки шуд...

– Лозим шавад, боз мепурсем...

– Бемалол, додарҷон. Ҳе, пахта, пахта... Мана, шумо низ тарки хониш кардаву падару модаратонро гузошта омадед. Баракат ёбетон. Раҳмат...

– Хайр, чидан лозим! – гуфт Ӯрмонако... – Ҳа, ба ҳар килои пахтаи чидашуда чандтинӣ медиҳанд?

– Даҳ тин бошад, ё панҷ тин, ростӣ, ман зиёд ба фарқаш намеравам.

– Э! Ин хел набудагист! – гуфт Ӯрмонако... Баъд хандид. – Язнаамон (поччо) медонистагистанд?

– Бале. Он кас медонанд.

– Нағз... Мегӯям, шумоён низ аз ягон тараф омада бошетон?

– Не-е, мо одамони ҳамин ҷой.

– Ғайр аз ин дар ҷойи дигар ҳам заминатон будагист-а?

– Не, додарҷон. Будаш ҳамин... Ин ҳам хуб. Худи мо се нафарем дар оила. Ҷиянатон ҳамроҳи падараш рафтааст... Чӯпон мешавам, мегӯяд. Ҳамин замон хоҳанд омад. Чойро дар куҷо менӯшед?

– Чойро? Ҳм, имрӯз дар хобгоҳ. Минбаъдашро фикр карда мебинем.

Ман гӯё акои Ӯрмонро чун шахси хасис ва гапчине тасвир карда истодаам. Не, ба як ҳисоб вай ба таври худ ҳақ буд: ба ҳар ҳол, моро ҳам фикр мекард.

Баъд аз ҳамин ба чидани пахта шитофтем.

Офтоб баланд шудааст ва ба ранги зард олудаву нур мерехт. Мо доманҳои пахтачиниро ба гардан овехта, ба мисоли подабони гӯё ба оши ҳалол мерафта қадам мезадем. Эҳ, дӯстам, ба ман дар фурсати тулӯъи оламафрӯз аз лабаки замини нимхушке роҳ рафтан аҷаб мефорад! Болои сарат гунҷишкон ба рақс меоянд. Ба пойҳоят баргҳои тар мепечанд. Аз хирманҷойҳо ягон-ягон ҳавр мехезад. Оё дидаед? Чонаҳои ғӯза ба даргирифтан маътал мегарданд. Ба муддати дарозо хирман шуда хоб раванд, дуд ҳам мекунанд.

Ҳамон рӯз пахта чидем. Шарм аз мурдан саъбтар... Қатори мардум чидам. Аммо биннӣ кушода нашуд.

Вақти баргаштанамон дар паҳлӯи ҳамон кулба дег меҷӯшид. Акои Азимҷон ба дег наздик рафтаву бӯй кашида:

– Ош, – гуфт ба мо нигариста.

– Ҳой, – гуфт акои Ӯрмон, – дегаш майда будааст-дия.

– Рафтем, рафтем.

– Саросема нашав. Ҳо, соҳибхона!

Калавида аз хонача ҷавоне берун омад. Дар тан ҷомае дошт, ки остинҳояш дарида ва ниҳоят пахтааш овезон шуда буд; ришаш расида. Қариб бари ҷома зери пойҳояш монда гӯё хазидаву давида омада, бо ҳар яки мо ба даст салом кард.

– Хуш омадед. Марҳамат, ба хонаи мо!

– Аввал шустушӯ кунем, – гуфт Ӯрмонако. – Гуфтанӣ будам, ки гулӯи як додаракамон дардманд шудааст, шамол кашидагист. Биниат ҳам маҳкама? – гуфта аз ман пурсид. – Хуллас, дору-пору ёфт мешавад? Медпунктатон дар марказ будааст. Ин ҷо – Камчатка.

– Ёфт мешавад, ҳаст дору. – Ҷавон мӯзаи худро табонак пӯшида буд ва гӯё аз пояш меафтода бошад, лӯкка қадам монду ба хона даромад.

Баъд як бандча ангури сагак дар даст баргашт.

– Ҳаминро ба гулӯ банданд, мешавад, – гуфт.

– Мешавад, мешавад! – гуфтам. – Камтаракаш кифоят.

– Э, камтаракро чӣ мекунӣ? – гуфт акои Ӯрмон. – Ҳоло боз лозим мешавад.

Ангури сагакро гирифта ба хобҷой омадам. Ба он нигоҳ мекунам: ин рустанӣ ҳам шинос!

Дӯстам, мо низ як момое доштем, ки аз ин гуна рустаниҳо хабар дошт. Бобоямонро дар замонаш барои он ки ба аспи босмачиҳо хошок додааст, «душмани халқ» гуфта, ҳадафи тир қарор дода буданд ва аз ӯ ёздаҳ нафар фарзанд сағир мемонанд. Пиразан ҳамин ятимакони биниҷуронро калон мекунам гуфта, умри худро ба танҳоӣ гузаронида буд. Дар он замонаҳои ганда онҳоро низ яке паси дигар ба парвардигорашон супорида, танҳо бо падари маъюби ман мондааст...

Ҳамон кампирак гулӯямонро бо чунин ангури сагак муолиҷа мекард. Агар дар забон табхола шукуфад, баргҳои гулбуттаро хушк карда ва кӯфта ба он мепошид. Зуд шифо меёфтем.

Дар амборамон ана аз чунин ангури сагакҳо чандин даста дар мехчаҳои чӯбин овехта мемонданд.

Мо ҳам дар як мехи рӯйи девор овехтем. Баъд аз мевааш як каф гирифта ва аз як гӯшаи домани пахтачинӣ каме даронда гирифта, дар болояш онро кӯфта-кӯфта чун малҳам ба гулӯ бастем.

**(Давом дорад).**

**Аз ӯзбекӣ тарҷумаи озоди**
**Шариф ХАЛИЛ.**

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Дар инсон нерӯи бузурге нуҳуфтааст. Аз ин рӯ, ҳарчанд ҳақ аст, хомӯш буда наметавонад.

**Оскар Уайлд.**

Одамони хурд ба дунболи зиндагии бароҳат, шуҳрат ва пул мегарданд. Одамони бузург як умр дар ҷустуҷӯи худанд.

**Иннокентий Смоктуновский.**

Инсонҳои меҳрбон ҳарчанд бандаанд, озоданд. Инсонҳои баду номеҳрбон ҳарчанд озоданд, ғуломе беш нестанд.

**Августин Аврелий.**

Омӯзгор ҳар ғизоеро, ки омода кард, шогирдон ҳамонро мехӯранд.

**Карл Краус.**

Кинотолори беҳтарини дунё мағзи сари инсон аст. Вақте китоби хуберо мехонӣ, ин гуфтаро дарк менамоӣ.

**Ридли Скотт.**

Вақте дороён байни ҳам ҷанг мекунанд, чун ҳамеша муфлисон мемиранд.

**Жан-Пол Сортр.**

Сода будан яке аз сифатҳои беҳтарини инсон аст.

**Конфутсий.**

Ман бар онам, ки инсонҳо дар сайёраи Замин умр ба сар мебаранд, на дар мамлакате.

**Виктор Тсой.**

Сукут истеъдоди бузургест, ки на ба ҳар кас дода мешавад.

**Достоевский.**

Ишқ дардзо нест. Дардро онҳое эҷод мекунанд, ки дӯст дошта наметавонанд.

**Марта Кетро.**

Ба ман гуфтанд: «Ту мавзӯъро дарк накардаӣ». Ман ба онҳо посух додам: «Шумо намедонед, ки зиндагӣ чист».

**Ҷон Леннон.**

Инсоне, ки бо чизи кам қонеъ нест, аз ҳеч чиз қаноат ҳосил намекунад.

**Эпикур.**

Суханпардозӣ аз ҳунарҳои волои хушомадгӯйист.

**Шарл Ремюза**

**Тарҷума ва таҳияи А. СУБҲОН.**

*Китобиёт*

# «ШУКРИ ҲАСТӢ МЕКУНАМ,..»

***Боиси ифтихор аст, ки дар Ўзбекистони маҳбубамон дар қатори шоирони шинохтаву маъруф, адибаҳои зиёде бо кори эҷодӣ машғуланд, ки аксарияти онҳо аллакай дар миёни дўстдорони сухан маҳбубият пайдо карда, ҳамчун шоир ва нависанда дар байни мардум шинохта шудаанд ва намунаи эҷодашон саҳфаҳои рўзнома ва маҷаллаҳои кишварамонро оро медиҳад. Дар навиштаҳои дилбохтагони сухан масъалаҳои муҳими рўзгори ҳаммеҳанон, ишқу муҳаббати поку беолоиш, эҳтиром нисбат ба фарҳангу забон, таранноми Ватан ва ватандорӣ, дўстиву рафоқат таҷассум ёфтааст.***




Дар миёни онҳо сабку баёни Саодат Сатторӣ (Саодат Сангинова) бо тасвир ва озодандешиҳо фарқ мекунад, ки инро хонанда баъди мутолиаи китобҳои ў гувоҳ мешавад. Якчанд китоби педагоги бомаҳорат, нависанда ва шоираи хушсалиқа таҳти номҳои «Субҳи саодат» (маҷмўи ғазалиёт, соли 2022, нашриёти «Маҳорат», Самарқанд), «Дидор» (маҷмўи ҳикояҳо, 2022, «Сурхон-нашр», Тирмиз), «Пайроҳаи сабз» (маҷмўи ғазалиёт, 2023, нашриёти «Сурхон-нашр», Тирмиз) интишор ва пешкаши ихлосмандони шеъри ноби тоҷикӣ гардидааст.

Чанд рўз пеш ба идораи «Овози тоҷик» омўзгори эҷодкор ташриф оварда, мужда расонд, ки китоби наваш бо номи «Духтари сеюм» ба чоп расидааст. Дар китоб қисса, ҳикоя ва новеллаҳои ҷолибу хонданӣ гирд оварда шудаанд. Мазмун ва мундариҷаи китоби номбурдаро панду ахлоқи ҳамида, ишқи поки беолоиш, бедор намудани ҳисси ватандўстиву хештаншиносии насли наврас, эҳтиром ба калонсолону устодон, меҳри модари мушфиқ ва содиқ будан ба оила дар бар мегирад. Китоб зери назар ва пешгуфтори Ҷ. М. Тирмизӣ дар нашриёти «Илм-зиё-заковат» (Тошканд) нашр гаштааст.

Аминем, ки баъди мутолиаи ин китоб боз сафи мухлисону дўстдорони адиб зиёд шуда, аз Саодат Сатторӣ қиссаву ҳикояҳои нав ба нав интизор мешаванд.

Дар фарҷом бо байтҳои шоираи хушзавқ ба ин навишта нуқта мегузорем:

*Шукри ҳастӣ мекунам, ёре чу ту дорам қалам,*
*Ман кӣ дорам ғайри ту? Танҳо туро дорам, қалам.*

*Ҳар даме, дар ҳар нафас розе ба ман ифшо кунӣ,*
*3-ин сабаб иншо шавад, ҳар лаҳзаи корам, қалам...*

*Чун Саодат мепарастам ҳар хати иқрори ту,*
*Ай лисони оташин, лафзи гуҳарборам, қалам.*

**Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# САРНАВИШТҲОИ БА АДАБИЁТ ВА САНЪАТ ПАЙВАСТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Муҳиддин Аминзода духтари калониашро Озод ном гузошт ва бинобар он ки аз духтарчагӣ ба шеъргўйӣ шавқ зоҳир мекард, ба вай меҳри ҷудогона дошт.

Озод (1933–2009) баъди хатми мактаби олӣ чанд сол дар яке аз дабистонҳои таълими умумӣ аз забон ва адабиёти тоҷик дарс дод. Солҳои 1971–1987 ҳамчун мудири шуъбаи рўзномаи вилоятии «Ҳақиқати Ленинобод», аз соли 1987 то ба нафақа баромадан ба сифати раиси шуъбаи вилоятии Бунёди фарҳанги Тоҷикистон фаъолият бурд. «Сатрҳои нахустин», «Бо ёди ту», «Дилбари саҳро», «Пайроҳаи сабз», «Чашми бедор», «Ёди ширин» ва «Дунёи дил» барин дафтарҳои шеъриаш ҳануз хонанда доранд, як қатор шеърҳояш ба оҳанг дароварда шуда ва ҳамон чун тaронаҳои дилошўб садо медиҳанд.

Солҳои донишҷўиямон, вақте чорабиниҳои фарҳангӣ рўйи кор омаданд, хусусан дар ҷамъомадҳои идона ба муносибати 8 Март, Озод дар як саф бо бонувони номдори Хуҷанд Улфатнисо Абдуқаҳҳорова, Ҳамроҳ Тоҳирова, Мастура Авезова ва Мағфират Додобоева дар президиум менишаст. Баромадҳои ҷолиб мекард. Шеър мехонд...

Вай ҷаҳонгашта буд. Нафаси гарми шеъри мо бо ў то Фаронса, Олмон, Булғористон, Арабистони Саудию Эрон рафт ва ба қалбҳо ҳарорат бахшид. Сибириён низ шеърҳониашро бо мароқ шунида ва на ба шоираи тоҷик, ки куртаи атлас ба бар дошт, мисле ба латофати шеъри дарӣ рўбарў шудаанд. Тошкандро дўст медошт. Бомдоди ин шаҳри азим дар яке аз шеърҳои ў (шеър дар «Ҳақиқати Ўзбекистон» чоп шуда буд) ин тавр қаламдод шуда:

*Субҳи дилҷўст, дилоро шудаӣ,*
*Боз ҳам хурраму зебо шудаӣ,*
*Завқорандаи дилҳо шудаӣ,*
*Шаҳри зебо, Тошканд.*

Дорандаи Мукофоти ба номи Камоли Хуҷандӣ, Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон Озод Аминзода, назар ба нақлҳо, мегуфтааст: «Шеърҳоям бачаҳои ўгайи мананд. Ман наҳамаи онҳоро чун фарзандони худ дўст медорам». Мегуфтанд ин аломати нисбат ба худ серталабии шоир аст.

Фарзанди аз ҳама хурдии Муҳиддин Аминзода «Муҳсинакои мо»-ст, ки соли 1954 ба дунё омадааст.

Вақте 12 сол дошт, падараш вафот кард. Шароити моддӣ имкон надод баъди хатми мактаби рақами 5-уми шаҳр таҳсилро дар институт давом диҳад. Танҳо баъди чанд сол кор кардан дар комбинати «Абрешим» ба риштаи филологии донишкадае, ки зикр кардем, ҳуҷҷат супурд.

Аввалин шеърҳои Муҳсин аснои мактабхониаш рўйи чоп дидаанд. Коргар шуду шеърнависиро давом дод. Солҳое донишҷў буд, аллакай чун шоир ўро шаҳр мешинохт.

Дар гурўҳе, ки мехондем, дўстдорони шеър зиёд буданд. Аввалин машқҳои роқими ин сатрҳо баъди аз назари ў гузаштан (бинобар ҳамин ҳамсабақам чун устод ба чашмам азиз аст) ва дастгирии хоҳарбузургаш Озод (равонаш шод бод) дар рўзномаи вилоятӣ рўйи чоп дидаанд.

Муҳсин дар Кумитаи телевизион ва радиои вилояти Суғд солҳои зиёд фаъолият бурд. Чандин барномаҳои адабию фарҳангӣ таҳия намуд. Оиди рўзгор ва осори бузургмардони олами адаби Хуҷанд Камоли Хуҷандӣ, Муҳиддин Аминзода, Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукўҳӣ, Боймуҳаммад Ниёзӣ ва Озод Аминзода филмҳои мустанад офарид. Ба гирифтани Ҷоизаи ба номи Камоли Хуҷандӣ сазовор гашт. Оиди шуҷоату корномаҳои диловарони саҳро ва қаҳрамонҳои арсаи меҳнат очеркҳои ҷолиб навишт. Хусусан «Диловарони Ёва» ва «Ў аввалин буд» ном публитсистикаҳояш баҳои баланд гирифтанд.

Муҳсин Аминзода муаллифи «Чашма», «Сояи хаёл», «Занҷираи заррин», «Қаламам Ватан навишт» барин як қатор дафтарҳои шеърист. Достоне таълиф кардааст бо унвони «Падарам шоир буд». Вай аълочии фарҳанг, матбуот, телевизион ва радиои Тоҷикистон мебошад. Чун номбардори падар ба тарҷумаи бадеӣ низ машғул мешавад – шеърҳои шоирони муосири ўзбекро ба тоҷикӣ бармегардонад.

Ба наздикӣ дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров 120 -солагии Муҳиддин Аминзода ва 70-солагии Муҳсин Аминзода таҷлил гардид. Устодон-профессорони донишгоҳ Замира Ўлмасзода, Нуъмонҷон Файзуллоев, Тоҷибой Султонӣ, дотсентон Субҳон Аъзамов ва Саидимрон Саидов оиди рўзгори шоирии падару писар, ҷанба, мавзўъ ва мундариҷоти осори онҳо маърўзаҳо хонданд. Нависандаи мардумии Тоҷикистон Маъруф Бобоҷон ва мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷик Мутриба Мавлонова марбут ба ҳаёти соҳибҷашнҳо андешаву хотирот баён сохтанд. Бозгашти Муҳсин Аминзода ба олами тифлӣ – бо эҳсосе падари зиндаёди худро ба ёд овардани ў таассуротангез буд. Дар охир вай аз шеърҳои худ намунаҳо хонд.

Дар номаи табрикии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба муносибати 70-солагии шоир Муҳсин Аминзода, аз ҷумла, қайд шудааст: «Шумо чун ворисисодиқу собитқадами падари маъруфи худ Муҳиддин Аминзода по ба арсаи шеър ниҳода, солҳои дароз чароғи ин сулолаи машҳури адабиро фурўзон нигоҳ доштед. Муҳити адабии хонавода барои парвариши завқу табъи Шумо ва ташаккули маҳорати суханвариятон бисёр мусоидат кард ва сарнавиштатонро барои ҳамеша бо шеъру сухан пайваст».

Воқеан сулолаи машҳури адабию фарҳангӣ дар Хуҷанд! Яке санъаткор, дувумӣ шоир...

Зебо Аминзода дар суҳбате гуфтааст, ки 11 нафар аъзои хонадони мо эҷодкор буданд ва ҳастанд, санъаткор буданд ва ҳастанд, мо ба якдигар номаҳои шеърӣ менавиштем ва менависем.

**Муҳаммадҷон ШОДӢ,**
*шаҳри ТОШКАНД.*

# СЕҲРИ ХАНДАИ МОДАР

***Адибаи ҷавони боистеъдод Маликаи Бахтиёр бо асарҳои мароқангези худ аллакай дар дили ҳаводорони каломи бадеъ – чӣ хурду чӣ калон бо ҷаззобияти суханаш маскан гузидааст.***

Адиба азбаски хурдтараконро дўст медорад, ба ҳар яки онҳо бо назари модарона менигарад. Ҳар як рафтору гуфтор ва хислатҳои онҳоро дида, илҳом мегирад. Ин дақиқназарии ў дар китоби навбатиаш «Якто хандед, модарҷон» ифодаи худро ёфтааст.

Китоби мазкур аз 19 ҳикояи хурдҳаҷми шавқовар иборат буда, муаллиф ҳар як ҳикояро воқеъбинона, хислатҳои беғубори кўдаконаро беолоиш тасвир карда тавонистааст.

Дар ҳикояи «Кай ақлат медароядʔ» симои Аҳмадҷони хурдакаки ҳушёр ифода гардидааст, ки ба бобоҷонаш ёрӣ расонидан мехоҳад, лек аз сабаби хурдсолиаш гулу ниҳолҳоро нодуруст қайчӣ зада, ба сарзаниши бобояш «Кай ақли ту медароядʔ» ҷавоби беғубори кўдакона: «Велосипедча мехаридед, кайҳо ақлам медаромад»-ро медиҳад.

Барои Маликаи Бахтиёр рўҳияти ҳар як кўдакро хуб дарк намудан, мушоҳидакорӣ барои бомуваффақият баромадани ҳар як ҳикоя замина шудааст. Ин дар ҳикояҳои «Якто хандед, модарҷон», «Чўҷаҳои гаранг», «Гунҷишкак», «Ҳалбои аққол», «Саратон дард кардʔ», «Ҷўроби дарида», «Хоҳарчаамро иваз карда бед», «Амина ба боғча наравад», «Ҷанҷол накун», «Аз худ рафтаам» мисол шуда метавонад.

Ҳикояҳои «Занбўрча», «Ман ба шумо шакалод медиҳам», «Шумо афтед, ки ба ман пул медиҳадʔ», «Садқаи саратон», «Эркатулфори ҳукмраво», «Панҷ не, ҳафт мондагӣ», «Илоҷ», «Худам нағз мебинам»-ро мутолиа карда, хонанда аз ҷавоби оқилонаи хурдтаракон ба ваҷд меояд.

Хулоса карда гўем, китобчаи «Якто хандед, модарҷон» баробари шавқу завқ бахшидан, аҳамияти тарбиявӣ дошта, ба хонандагони синфҳои ибтидоии мактабҳои таълими умумӣ ва ташкилотҳои таълими томактабӣ мувофиқат мекунад. Дастрас ва мутолиаи китоб барои инкишофёбии забон ва нутқи онҳо низ зарур аст.

**Эътибор МАҲМУДОВА.**
*САМАРҚАНД.*




*Дар мусобиқаи байналхалқии математика, ки 26–31 июл дар Ҳиндустон баргузор гардид, толибилмони ўзбекистонӣ 3-то медали тилло, 4-то нуқра ва 11-то биринҷиро ба даст даровbooанд.*

*Дар мусобиқаи математикҳои ҷавон аз 30 мамлакати ҷаҳон 576 нафар хонандагони боиқтидор иштирок карданд. Дастаи мунтахаби Ўзбекистон аз 8 нафар ҷавонони боистеъдод иборат буда, ҳамаи онҳо аз қатори ҷоизадорон ҷой гирифтанд.*

*5-тои ҷоиза ба ҳиссаи хонандагони мактаб-интернати ихтисосонидашудаи ноҳияи Қарокўл рост меояд, онҳо дар ин мусобиқаи байналхалқӣ соҳиби 1-то медали нуқра ва 4-то медали биринҷӣ гардиданд.*

## ХАБАРҲО

### «ДАМАС»-ҲО БА ШУЪБАҲОИ ФАРҲАНГ

***Ҷонишини ҳокими вилояти Бухоро Б. Шаҳриёров, сардори Садорати маданияти вилоят Ш.Тилавов ба роҳбарони шуъбаҳои фарҳанги ноҳияҳои Когон, Қарокўл, Олот, Шофиркон ва Пешкў автомобилҳои хидматии «Дамас», асбобҳои мусиқӣ ва воситаҳои баландкунии садоро ба тарзи тантанавӣ супориданд.***

Соли гузашта шуъбаҳои маданияти ноҳияҳои Бухоро, Ҷондор, Рометан, Ғиждувон ва шаҳри Когон соҳиби чунин автомобилҳо шуда буданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

### КЎЧАҲОИ ҚАРШӢ БОЗ МУМФАРШ МЕГАРДАНД

***Кўчаҳои маркази шаҳри Қаршӣ ҳамин шабону рўз ба маҳалли корзоре табдил ёфтаанд, ки дар ҳар гўшаи он садои техникаи муқтадир баланд мегарданд.***

Зиёда аз 60 мошини боркашу техникаи ҳозиразамон ба мумфарш сохтани роҳҳо ва ба меъёри ҷаҳонӣ мутобиқ сохтани онҳо машғул ҳастанд. Гуфта мешавад, таърихи шаҳр ҳанўз чунин амалҳои ободиро дар сатҳи густарда дар ёд надорад.

Ин корҳои ободонӣ ба шарафи 33-солагии Истиқлолияти кишварамон ба амал татбиқ гардида, қиёфаи маркази маъмурии вилояти Қашқадарёро тағйир ва ҳусни идона мебахшанд. Барои иҷрои ин корҳо бо супориши роҳбари давлат 105 миллиард сўм ҷудо шуда, дар маҷмуъ 32 км роҳҳои дохилии шаҳр аз нав мумфарш мегарданд. Айни ҳол дар кўчаи Амир Темур корҳо идома доранд ва минбаъд кўчаҳои ба номи Ислом Каримов, Мустақиллик, Насаф, Алишер Навоӣ ва Хонобод низ мумфарш хоҳанд шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

### ТАҶРИБАИ САМАРҚАНД БАРОИ ТОШКАНД

***Баъди ҳамчун маркази сайёҳии Ўзбекистон эътироф гардидани Самарқанд ташрифи меҳмонон ба шаҳри бостонӣ хеле афзуд.***

Бо ташаббуси садорати сайёҳии шаҳри Тошканд ҳокимони шаҳру ноҳияҳои вилояти Тошканд барои омўхтани навъи хизматрасонӣ ба шаҳри Самарқанд ташриф оварданд.

Меҳмонон нахуст бо фаъолияти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим» шинос гардида, сипас дар маҷмўаи сайёҳии «Шаҳри абадӣ» бо масъулони он суҳбат оростанд.

– Деҳаи сайёҳии Конигил ба вакилони Тошканд таассуроти калон гузошт, – гуфт ҷонишини ҳокими ноҳияи Самарқанд Акбар Маҳмудов, – умедвор ҳастем, таҷрибаи мо дар Тошканд амалӣ мешавад.

Чанде пеш инчунин аз Бухорои шариф, водии Фарғона низ меҳмонон барои таҷрибаомўзӣ омада буданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

*Дирўзу имрўзи диёр*

# ЧАШМАИ АЮБ

Аксарият медонад, ки дар шаҳри Бухоро, дар шафати «Боғи Сомониён» ва «Бозори Калон» бо ин ном маҷмўаи таърихӣ мавҷуд аст, вале на ҳама медонанд, ки дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Хайробод»-и ноҳияи Вобканд низ бо ин ном ёдгории таърихӣ мавҷуд. 10-25 сентябри соли 2023 дар шаҳри Ар-Риёди Арабистони Саудӣ дар сессияи 45-уми ЮНЕСКО ҳафт ёдгории таърихии Бухоро, ки ба даҳлези Зарафшону Қароқуми Роҳи бузурги абрешим дахл дорад, шомили Рўйхати мероси мадании ҷаҳонӣ гардид. Чанд рўз муқаддам бо мақсади хубтар шиносшавӣ бо ёдгории таърихии «Чашмаи Аюб» сўи маҳаллаи «Хайробод»-и ноҳияи Вобканд раҳсипор гардидам. Мо тавассути роҳи калони «Шофиркон – Бухоро» ба маркази Вобканд расида, ба роҳи магистрали «Тошканд – Бухоро...» баромадем.

Вақте ки ба маҳаллаи Хайробод расидем, дар идораи маҳалла бо раиси собиқи он ҷо, ҳоло фаъоли маҳалла Умар Ширинов вохўрдем. Маълум гардид, ки раиси маҳалла Обид Муродов бо мақсади кўмакрасонӣ ба ободкунандагони «Чашмаи Аюб» назди ҳашарчиён рафтааст. Мо низ назди ў омадем. Дар атрофи масҷид – ёдгории таърихии «Чашмаи Аюб» ҷараёни корҳои ободгардонӣ дар авҷ буд. Ин ҷо кормандони идораи ободонӣ, ҳашарчиён таҳти роҳбарии ҷонишини ҳокими ноҳия Султонмурод Тешаев ва масъулони дигар гирду атрофро ба тартиб медароварданд. Ба он ҷо техникаи гуногун кўмак мерасонд. Сўҳбати мо бо раиси маҳалла О. Муродов, сардори собиқадорони меҳнати маҳалла Мадад Саидов хеле давом кард.

Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Хайробод ҳафт деҳаро ба бар гирифта, 4007 нафар аҳолӣ дорад. Дар ҳудуд мактаби миёнаи таълимоти умумии рақами 24, се боғчаи бачагон, бунгоҳи тиббӣ, маркази «Ёрии таъҷилии тиббӣ», клиникаи хусусӣ, дорухона, «толори зебоӣ», нуқтаҳои хидмати маишӣ, 9-то хоҷагии фермерӣ, беш аз 20 дукони тиҷоратӣ фаъолият доранд. Мувофиқи Барномаи давлатии «Деҳаи обод» соли 2022 дар ин ҷо корҳои зиёди ободгардонӣ сурат гирифтааст. Аҳолӣ бо барқ, газ, оби ошомиданӣ таъмин шуда, роҳҳо асфалтпўшу шағалпўш гаштаанд.

***

Маълумот дар бораи сохта шудани ин маҷмўа гуногун аст: дар як ҷой соли 605-уми ҳиҷрӣ (1208-уми милодӣ) омада бошад, дар ҷои дигар соли 650-уми ҳиҷрӣ (1252-1253 милодӣ) оварда шудааст. Ҳамин тариқа гуфтан мумкин аст, ки таърихи мақбара аз 800-сол зиёдтар аст. Маълум аст, ки дар бораи пайғамбар Аюб (алайҳиссалом) нақлу ривоятҳо бисёранд. Дар асри XIV бо супориши Амир Темур устоёни хоразмӣ болои чашма ва чоҳи ин ҷо хонақоҳ бунёд кардаанд. Нақшу тасвирҳои гунбази болои чоҳ хоси услуби хоразмист. Дар масҷиди ин ҷо чор манораи наҷандон баланд ва гунбад шукўҳ бахшидааст. Дар даруни мақбара ҳадисшинос Абўсаъд-ал-Харгўшӣ (соли вафоташ 1017) дафн гардидааст. Маъхазҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки ин мақбара ҳамчун масҷид ва хонақоҳи дарвешон хидмат кардааст. Дар мазор ва сари роҳи тиҷорат сохта шудани ёдгорӣ инро собит месозад. Воқеаҳои таърихию табиӣ, ғоратгариҳо ба ҳолати умумии «Чашмаи Аюб» бетаъсир намондааст. Имрўз фақат қисми даромад ва як ҳиссаи девори ба он васлгардида то замони мо расидааст.

Мо бо ҳамроҳони худ ёдгории боқимондаро аз назар гузарондем. Дарвоза – даромадгоҳи қадимӣ ва қисми девори аз тарафи рост ба он васлгардида ёдгории таърихии асосии меъмории ин ҳудуд буда, он ба назарҳо пуршукўҳ метобад ва ба дарвозаҳои қадимии мадрасаҳои Бухоро шабоҳат дорад. Чӣ хеле ки бостоншиносон мегўянд, вай бо ёдгории «Мағоки атторӣ»-и шаҳри Бухоро дар як вақт сохта шуда, услуби бунёдшавиаш бо ёдгории номбурда, «Исмоили Сомонӣ», «Манораи Калон», «Намозгоҳ»-и шаҳри шариф ягона аст. Ҳангоми таъмир бо услуби консерватсия барқарор кардани нақшу нигор, кошинҳои ин ёдгорӣ лозим будааст. Мутаассифона, ҳамоно сири тайёр кардани «сирҳои кошиндор» боз нагаштааст. Дар дарун рў ба рўи дарвоза қабри солҳои истиқлол таъмирёфтаи Абўсаъд Харгўшӣ ва ба қарибии он ҳамон чашмаи таърихӣ, ки бо номи «Чашмаи Аюб» дар олами ислом машҳур, воқеъ гаштааст. Дар давоми асрҳо мардуми гирду атроф аз ин чашмаи муқаддаси шифобахш баҳри муолиҷаи бемориҳои пўст ва ғайра истифода бурдаанд. Мо низ бо шарикони худ оби шўрмазаи ин ҷоро чашидем. Чил метр дуртар аз он дар самти офтоббаро чоҳи дигар мавҷуд аст. Ҳамсўҳбатон гуфтанд, ки дар поёнтар чанори калоне буд, вале он чанде пеш бо таъсири раъду барқ сўхта аз байн рафтааст.

Солҳои истиқлол масҷиди ин ҷо расман кушода шуда, ҳоло тадбирҳои идона гузаронида мешавад.

Чун дар тамоми мамлакат дар вилояти Бухоро низ ҷараёни ободгардонӣ вусъат меёбад. Мувофиқи қарорҳои дахлдори Девони Вазирон ва Агентии мероси маданӣ, инчунин Садорати мероси мадании вилоят барои ин 83,4 миллиард сўм маблағ ҷудо гардидааст. Ҳоло барои иҷрои 19 лоиҳа бештар аз 200 усто фаъолият нишон медиҳанд. Аз ҷумла бо мақсади ба харитаи сайёҳон ворид намудани ёдгории таърихии «Чашмаи Аюб» кўшишҳо беш аз пеш афзуда, ҳудуди ёдгорӣ ба ҳашаргоҳи азим табдил ёфтааст. Аз тарафи дигар роҳҳои хати сайёҳӣ бо шиддат асфалтпўш карда мешаванд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

Аҳли идораи «Овози тоҷик» ба ходими собиқи рўзнома Кароматхон Акбарова нисбати вафоти модараш
**Назира САЛОҲИДДИНОВА**
ҳамдардии амиқ изҳор намуда, ба аҳли хонавода ва наздиконаш сабри ҷамил металабад.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Ҷонишини сармуҳаррир
Тоҷибой ИКРОМОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 4192. Ҳаҷм 2 чузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.